# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони "Мавҷи Олмон")», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601– Рӯзноманигории байналхалқӣ)

Омӯзиш ва таҳқиқи расонаҳои байналмилалӣ ва фаъолияти онҳо дар илми журналистика яке аз самтҳои ниҳоят мубрам ва муҳим маҳсуб ёфта, дар шинохти заминаҳои ташаккул, рушд, танзим ва ҷанбаҳои мухталифи расонаҳо, ҳамчунин муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар густариши журналистикаи замони муосир заминаи мусоид фароҳам меоварад. Кори илмии Анҷум Маҳмуд Аҳмад фарогири мавзуъ ва масъалаҳои мубрами расонаҳои байналмилалӣ аст, ки то имрӯз омӯзишу баррасии фаъолияти онҳо, аз ҷумла, ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон», ки аз расонаҳои бонуфузи байналмилалӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон мебошад, ба таври густарда мавриди таҳқиқ ва баррасии амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Ин аст, ки мавзӯи мазкур бо назардошти тозагӣ ва муҳимияти масъала шоистаи таҳқиқ ва баррасии илмӣ мебошад ва рӯи кор омадани диссертатсияи мавриди назар аз тасмимҳои ниҳоят судманд маҳсуб меёбад. Дар ин замина, муаллиф муваффақ гардидааст, ки омӯзиши фаъолияти расонаи мазкурро бо дарназаргирии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар сатҳи муносиб ба анҷом расонад.

Аз автореферати муҳаққиқ Анҷум Маҳмуд Аҳмад маълум мегардад, ки диссертатсия аз назари сохторӣ аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва хулосаву феҳрасти адабиёт иборат аст. Дар муқаддима мубраммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети омӯзиш, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, саҳми шахсии муаллиф, интишорот ва сохтори диссертатсия муайян шудаанд.

Мубрамияти мавзуи интихобшуда бо он асоснок мегардад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ нақши расонаҳои байналмилалӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва танзими фазои иттилоотӣ торафт меафзояд. Дар чунин шароит омӯзиши таҷрибаи расонаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла «Мавҷи Олмон», аҳаммияти хоса касб менамояд.

Дар автореферат дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ба таври нисбатан фарогир нишон дода шуда, доираи васеи манбаъҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муаллиф ба осори муҳаққиқони шинохтаи соҳа такя намуда, заминаи назариявии таҳқикро мустаҳкам сохтааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ба таври мушаххас муайян гардида, ба ҳалли масъалаҳои асосии мавзуъ равона шудаанд. Объект ва предмети таҳқиқ дуруст интихоб шуда, ба мазмуну муҳтавои кор мувофиқат мекунанд. Истифодаи методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ ва контент-таҳлил ба муаллиф имкон додааст, ки масъалаҳоро аз чанд ҷиҳат баррасӣ намояд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст фаъолияти ширкати «Мавҷи Олмон» ҳамчун расонаи байналмилалӣ дар доираи илми журналистикаи тоҷик мавриди таҳқиқи мустақил қарор гирифтааст. Ин ҷанба арзиши илмии корро боло мебарад ва онро ҳамчун саҳми назаррас дар рушди журналистикаи миллӣ метавон арзёбӣ кард.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ низ қобили зикр аст. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва ҳамчунин дар фаъолияти амалии ВАО истифода шаванд. Хусусан, барои такмили фаъолияти расонаҳои ватанӣ истифодаи таҷрибаи расонаҳои байналмилалӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Боби аввал “Омилҳои таъсиси расонаҳои байналмилалӣ” унвон дошта, аз ду фасл иборат аст, ки он ба таърихи ташаккул ва заминаҳои пайдоиши расонаҳои байналмилалӣ бахшида шудааст.

Дар фасли аввал, ки «Мурурe ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ» унвон дорад таърихи пайдоиши агентиҳои иттилоотии ҷаҳонӣ баррасӣ мегардад. Муайян шудааст, ки ташаккули расонаҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба рушди агентиҳои иттилоотӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла, фаъолияти агентии AFP, AP, Reuters, DPA, Синхуа, инчунин расонаҳои байналмилалии BBC, RFE/RL, IRNA ва расонаҳои Русия таҳлил гардида, нақши онҳо дар ташаккули фазои иттилоотии ҷаҳонӣ нишон дода шудааст.

Фасли дуюми боби аввал «Таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»» номгузорӣ гардида, ба таърих ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» (Deutsche Welle) бахшида шудааст. Муайян гардид, ки DW ҳамчун расонаи хориҷии Олмон баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон бо ҳадафи барқарор намудани имиҷи байналмилалии кишвар таъсис ёфта, имрӯз ба яке аз расонаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ҳамзамон, сохтори идорӣ, манбаъҳои

маблағгузорӣ, рушди пахши телевизионӣ ва интернетӣ, инчунин фаъолияти, намояндагии он дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби дуюм «Расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ» номгузории шуда, нақш ва ҳадафҳои расонаҳои байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон таҳқиқ шудааст.

Дар фасли аввали боби дуюм «Ҳадаф ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ» номгузорӣ шуда, нишон дода мешавад, ки давлатҳои абарқудрат тавассути расонаҳои байналмилалӣ манфиатҳои геополитикии худро амалӣ менамоянд.

Фасли дуюми боби дуюм «Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон» ном дошта, ба фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин фасл таърихи фаъолияти бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ», масъалаи пахши BBC ва фаъолияти намояндагиҳои DW, «Озодӣ», BBC ва дигар расонаҳо таҳлил гардидааст.

Боби сеюм «Вазифа ва ҳадафҳои барномаҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»» номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат аст.

Дар фасли аввали боби сеюм, ки «Ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»» ногузорӣ шудааст ҳадаф ва вазифаҳои барномасозии DW таҳлил гардида, муайян шудааст, ки фаъолияти он ба тарғиби сиёсати хориҷии Олмон, муколамаи фарҳангҳо ва рушди забони олмонӣ равона шудааст.

Фасли дуюми боби сеюм «Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» – сарчашмаи маълумот барои расонаҳои дигар» унвон дошта, диссертант DW-ро ҳамчун сарчашмаи иттилоот барои расонаҳои Тоҷикистон аз ҷумла «Ховар», «Азия-Плюс» ва дигар ВАО таҳлил менамояд.

Муаллиф дар заминаи таҳқиқоти баанҷомрасонида хулосаҳои ҷузъӣ ва умумие ҳосил намудааст, ки дар поёни фаслу бобҳо ва дар қисми хулоса ҷой дода шудааст.

Таҳқиқот арзиши баланди назарӣ ва амалӣ дошта, бори аввал мавриди пажуҳиши қарор дода шудааст. Аз ин лиҳоз, арзиши илмӣ, навоварӣ ва корбасти методҳои наву замонавии таҳқиқу таҳлили муаллиф шоистаи таҳсин мебошад. Бо вуҷуди ин муваффақиятҳо ба назар гирифтани нуктаҳои зерин дар афзун намудани арзиши илмиву амалии диссертатсия мусоидат менамояд:

1. Тақвияти таҳлили муқоисавии фаъолияти «Мавҷи Олмон» бо дигар расонаҳои байналмилалӣ аз қабили BBC, RFE/RL, France 24 ва

Voice of America арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам афзун намуда, барои шинохти ҷойгоҳ ва вижагиҳои хоси «Мавҷи Олмон» дар низоми расонаҳои байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад

2. Дар автореферат ғалатҳои имлоиву техникӣ низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Бо ин нуктаҳои ҷузъӣ арзиши илмию амалиии диссертатсия коҳиш намеёбад. Дар маҷмуъ, диссертант вазифаи дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст. Автореферати диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601– Рӯзноманигории байналхалқӣ) мебошад.

**Муқарриз:**


Номзади илми филология,
дотсент, мудири кафедраи иттилоот
ва технологияҳои робитавии МДТ-и
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
“17” марти соли 2026

Бобоҷонова
Мутриба
Султоновна

Суроға: 735700, Ҷумхурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шахри Хуҷанд,
гузаргоҳи Исмоили Сомонӣ 52,
Тел: (+992) 92 952-30-09
E-mail: mbobojonova1987@mail.ru


Имзои Бобоҷонова Мутриба
Султоновнаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадр ва корҳои
махсуси МДТ-и “ДДХ ба номи
академик Б. Ғафуров”
“17” марти соли 2026

Сайдуллозода
Заррина Сайдулло


Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Тел: (+992) 928057007
E -mail: ddhkadr@mail.ru.tj